**Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият**
**ва амнияти миллӣ тайёрем!**

# Родмардон

Мо ба ҷавонони бонангу номуси худ ва ба эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо боварии бузург дорем, бо онҳо ифтихор мекунем, зеро онҳо воқеан соҳибону бунёдгарони ояндаи Ватан ва идомадиҳандагони кору фаъолияти созандаи мо ҳастанд.

Эмомалӣ Раҳмон

*№5(206)*
*26 майи соли 2023*

**Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**


# ҶАВОНОН-ОЯНДАСОЗОНИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ!

## Паёми шодбошии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон

22 майи соли 2023, ш. Душанбе

Ҷавонони саодатманду сарбаланди кишвар!

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, ки яке аз санаҳои муҳимми таърихи кишвари соҳибистиқлоламон мебошад, самимона табрик мегӯям.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ иброз намоям, ки Тоҷикистон кишвари ҷавонон аст ва бо дарназардошти саҳм ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва давлат дар сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон ҷойгоҳи афзалиятнок доранд.

Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор мекунем, зеро онҳо бо иштироки фаъолонаи худ дар ҳамаи соҳаҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан саҳми арзишманд мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ ба ҷавонон таваҷҷуҳ ва ғамхории махсус зоҳир намуда, амалӣ гардонидани тадбирҳои заруриро ба хотири дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо то ба имрӯз идома дода истодааст.

Тайи беш аз се даҳсола ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду инкишофи қобилияту истеъдоди онҳо ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба зиндагиву фаъолияти ин сершумортарин қишри иҷтимоӣ як силсила нақшаву барномаҳо қабул ва амалӣ шуда истодаанд.

Санаду барномаҳои қабулгардида риояи ҳуқуқҳои конститутсионии ҷавононро таъмин намуда, ба таҳкими мақоми онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавии ҷомеа, беҳтар гардидани шароити зиндагиву таҳсил, касбомӯзӣ ва фаъолияти пурсамари ҷавонон, тақвияти худшиносиву худогоҳӣ ва ҳисси миллии онҳо мусоидат мекунанд.

Такроран таъкид менамоям, ки Ҳукумати мамлакат пешбурди муназзаму муваффақонаи сиёсати ҷавононро аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини фаъолияти худ меҳисобад.

Зеро мо хуб дарк мекунем, ки таваҷҷуҳ ба ҷавонон – ғамхориву сармоягузорӣ ба хотири ояндаи ободу пешрафтаи миллати тоҷик



## Ба миллат ва давлати соҳибистиқлоли хеш ҳамеша содиқ бошед

ва таҳкими неруи давлати тоҷикон мебошад.

Аз ин лиҳоз, мо дар сиёсати худ ҷавононро неруи созандаву бунёдкор, пешбарандаи ҷомеаи навини кишварамон ва ояндаи халқамон эълон кардем ва дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат то имрӯз ба онҳо такя мекунем.

Ҳар кору иқдоме, ки мо имрӯз анҷом медиҳем, барои ҷавонон аст.

Чунки зимоми ояндаи Ватан ва давлат дар дасти онҳо мебошад.

Мо, ҷавононро бояд тавре тарбия карда, ба камол расонем, ки онҳо фардо тавонанд Ватан ва давлатро соҳибӣ кунанд, онро обод созанд, боз ҳам пешрафта гардонанд ва миллату давлати худро ба аҳли башар ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

Ҷавонони азиз!

Ман дар суханрониҳои худ борҳо таъкид кардаам ва бори дигар хотирнишон менамоям, ки шумо бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошед, дар шароити торафт вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо ва таъсири манфии унсурҳои фарҳангиву тамаддуни бегона манфиатҳои давлативу арзишҳои миллиро ҳимоя кунед ва дар мубориза бо ҳама гуна таҳдиду хатарҳои бар зидди давлату миллати худ равонагардида омода бошед.

Як нуктаи бисёр муҳимро ҳаргиз фаромӯш накунед: дар назди ҷомеаи мо, ки қисми асосии онро ҷавонон ташкил медиҳанд, масъалаҳое қарор доранд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ, ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босуръати он, инчунин, торафт вусъат гирифтани миқёси таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, радикализми динӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ аз ҷавонони мо, пеш аз ҳама, зиракии сиёсӣ, илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, забондонӣ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату халқи Тоҷикистон ва худшиносиву худогоҳиро тақозо мекунад ва масъулияти онҳоро дар самти ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллат рӯз ба рӯз баланд мебардорад.

Мо ба ҷавонони бонангу номуси худ ва ба эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо боварии бузург дорем, бо онҳо ифтихор мекунем, зеро онҳо воқеан соҳибону бунёдгарони ояндаи Ватан ва идомадиҳандагони кору фаъолияти созандаи мо ҳастанд.

Шумо, ҷавонони азиз, бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯи илму донишҳои муосир бошед, касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ кунед, ба миллат ва давлати соҳибистиқлоли хеш ҳамеша содиқ бошед, Ватани аҷдодиро самимона дӯст доред, забон, фарҳанг ва дигар арзишҳои миллӣ, инчунин, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳимоя кунед, нангу номус ва ҳисси баланди ватандорӣ дошта бошед, эҳтироми падару модар ва пирону калонсолонро ба ҷо оваред.

Итминони комил дорам, ки ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ, зиракии сиёсӣ, ҷаҳонбинии васеъ, маърифати ҳуқуқӣ ва саъю талоши созандаву бунёдкорона барои ободии кишвар ва боз ҳам баланд бардоштани нуфузу обрӯи Тоҷикистони азизамон дар арсаи байналмилалӣ талош намуда, дар таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва тақвияти пояҳои давлатдории миллии тоҷикон саҳми арзанда мегузоранд.

Бори дигар тамоми ҷавонони кишварро ба ифтихори Рӯзи ҷавонон табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо тансиҳатӣ, иқболи баланд, саодати рӯзгор ва дар кору пайкори садоқатмандонаашон ба хотири ободии Ватани азизамон – Тоҷикистон комёбиҳои нав ба нав орзу менамоям.

Рӯзи ҷавонон муборак,ояндасозони Тоҷикистони соҳибистиқлол!



*23 май – Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон*

## Ҷавонӣ қувваи бунёдкор аст, Ватанро аз ҷавонон ифтихор аст.

Ҷавонон оинаи замону неруи пуриқтидору бунёдкори даврон буда, бо дидаи бедори худ ояндасози миллатанд. Онҳо ҳамчун ворисони Ватан, бо иродаи қавӣ, бозуи матин ва ҷасорату хушёрии табиӣ метавонанд қувваи пешбарандаи ҷамъият бошанд. Сулҳу амният, ободию озодӣ ва сарсабзии имрӯзу фардои кишвар дар дасти онҳост. Онҳо умеди фардоянд. Аз ин рӯ, Ватан ба покизагии виҷдону имон, донишу малака ва зиракии сиёсии онҳо ниёз дорад. Дар ҳар қадам, дар ҳар сухан ва дар ҳар кору амал неруи бебадали ҷавонӣ эҳсос мегардад.

Баъди соҳибистиқлолии давлатӣ, Тоҷикистон роҳеро интихоб намуд, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои ҷавонон мақоми хосса пайдо намуда, ояндаи онҳо дар асоси рушду пешрафти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳони муосир муайян карда мешаванд. Аз ҷумла, давлат ба масъалаи тарбияи ҷавонон ва мушкилоти ахлоқии онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеаи навин тадбирҳои зарурӣ меандешад. Аз ин рӯ, эъмод ва эътибор ба ҷавонон хеле баланд аст.

аҳолӣ ҷавонон мебошанд. Мусаллам аст, ки дар ҷое неруи ҷавонон афзалият дорад, ташаббусҳои бунёдкоронаву созанда бештар аст ва зиндагӣ шукӯҳу шаҳомати дигар мегирад. Бо қувваи беназири ҷавонон имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол ба тарви шинохтанашаванда ободу зебо мегардад. Рисолати ҷавонон на танҳо бунёдкориву созандагист, балки ҳастиву пойдории Ватанро таъмин сохтан, ҳар зарра хоки онро муқаддас донистан ва арзишҳои миллиро аз насл ба насл бегазанд бурда расондан низ вазифаи ҷонии онҳо мебошад.

Ҳамасола 23 – май дар кишвар ҷашни муҳими давлатӣ – Рӯзи ҷавонон таҷлил мегардад. Таҷлили ин ҷашн аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷавонон давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа мебошанд. Ватан дар симои ҷавонон сипари боэътимоди худро дида, онҳоро мояи ифтихору сарбаландӣ меҳисобад.

Дар шароити мураккаб гардидани вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бештар гардидани таҳдиду хатарҳои нав ба амнияти халқҳои ҷаҳон, аз ҷумла терроризму экстремизм,

## ДУНЁ ПУР АЗ ҶАВОНИСТ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавононро неруи боэътимоди созанда ва бунёдгари муқтадири фардои кишвар медонанд ва бахри дастгирии ҷавонон аз тамоми имкониятҳо истифода мебаранд. Сарвари давлат мунтазам бо ҷавонон мулоқоту вохӯриҳо баргузор намуда, таъкид месозанд: *«Ватанро сидқан ва самимона дӯст доштан, бо он ифтихор кардан, барои ҳимоя кардани он омода будан, ба қадри истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расидан, шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва эҳтироми падару модарро ба ҷо овардан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки ҳар кадоми шумо – ҷавонон бояд ин арзишҳоро дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор диҳед».*

Ҷавонон қишри аз ҳама фаъоли ҷомеа буда, бо ташаббусҳои созанда метавонанд миллат ва давлати худро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намоянд ва рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ, ҳамчунин дастовардҳои Истиқлолро муқаддас дониста, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя намоянд.

Тоҷикистонро кишвари ҷавонон меноманд, зеро қисми асосии

ифротгароӣ, нашъамандӣ ва дигар бемориҳои сирояткунанда, ҷавонон бояд хушёрии суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва амнияту ҳифзи ватани аҷдодии худро таъмин намоянд.

Таърих гувоҳ аст, ки ҷавонони бонангу номус ва далеру шуҷои тоҷик дар ҳама давру замон ва дар ҳама гуна шароит тавонистаанд, ватани худро ҳимоя карда, ба хотири ободии ватан мардонавор ҷаҳд намоянд. Онҳо ҳаргиз ғулом набуданд ва ба ғуломӣ низ тан намедиҳанд. Мубориза мебаранд, ҷон медиҳанд ва озодию амнияти кишвари хешро бо баҳои ҷон меҳаранд. Онҳо ҳаргиз қаҳрамонони ватани азизи худро низ фаромӯш намекунанд, хотираи онҳоро пос медоранд ва аз онҳо ибрат мегиранд.

Ҷавонони даврони истиқлол дар самти сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Тоҷикистон устуворона қадам монда, бахри ҳимояи Ватан, амнияту сулҳу субот хушёрии сиёсиро аз даст надода, бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ қадамҳои устувор ба пеш гузоранд.

Саодат САТТОРӢ,
узви Иттифоқи
журналистони Тоҷикистон



## Дар роҳи Ватан хизмати мардона кунем!



Имрӯзҳо мавзӯи Ватану ватандорӣ ва хизмат ба Ватан-Модар дар мадди аввал қарор дорад. Ин мавзӯъро ҳар шахс ба андозаи дониш ва тафаккури худ фаҳмидаву баҳогузорӣ менамояд. Маҳз ҳамин хусусиятҳоро дарк карда, бузургон Ватан ва Модарро як мафҳум, як маънӣ ва як бунёд ба қалам додаанд. Воқеан, ҳар ду муқаддасу пок, мӯъҷизаю ноёб, бебаҳоянд. Бояд ҳар шахс Ватани худро дӯст дорад ва хизматашро мардона ба ҷо оварда, ифтихор аз он кунад, ки зодаи чунин Ватани ободу зебо мебошад. Ватандӯст будани худро мо на бояд бо суханони хушку холӣ нишон диҳем, балки барои Ватани хеш хизмат намуда, дар ҳифозат ва ободонии он саҳмгузор бошем.

Тарбияи ватандӯстӣ аз оила, кӯдакистон ва мактаб оғоз гардида, дар ҷомеа ва ниҳоят дар сафҳои Артиши миллӣ рушд меёбад. Дар шуури хонандагон бедор сохтани ҳисси муҳаббат ба халқу Ватан вазифаи падару модар, ҷомеа ва омӯзгорон мебошад. Зеро Ватан ин ҳамон сарзаминест, ки ниёгони мо ҳар як ваҷаб хоки онро муқаддас шуморида, барои ҳифзаш бо ғосибони аҷнабӣ, ҳарису зарпараст ҷангидаанд. Дар роҳи ҳифзи нангу номуси хеш шаҳид гардидаанд ва дар ин қаламрави меҳрпарвар, ки имрӯз Тоҷикистон ном дорад, ба

кистон, омилҳои пурхатари замон ва ҳаёти ҷамъиятии кишвар ба эътибор гирифта шавад.

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон оид ба тарбияи ватандӯстии наврасон корҳои зиёд ба анҷом расонида шуд ва самари хуб ҳам ба бор овард…Сабабҳои саркашӣ намудани баъзе ҷавонон аз хизмати ҳарбӣ саравал беэътиноии волидон дар тарбияи ватандӯстӣ мебошад. Боиси таассуф аст, ки андешаи бегонапарастӣ тафаккури қисме аз волидону омӯзгоронро фаро гирифтааст. Ҳастанд волидоне, ки фарзандонашонро дар мавсими даъват ба ҳар тараф мегурезонанд, ба муҳоҷирати меҳнатӣ мефиристанд. Ва ё маҷбуран донишҷӯ мекунонанд. Ҳатто ба ҷиноят даст зада, билети ҳарбӣ дастрас мекунанд. Ин тоифа агар донишҷӯ шаванд ҳам монеи омӯзиши чандин ҳамсабақони пешқадам мегарданд.

Мешавад, ки аз хизмати



хобӣ абадӣ рафтаанд. Ба ин такя карда, Асосгузори сулҳу Ваҳдат, Пешвои миллат ба табиаи ватанпарварии ҷавонон, ки ояндаи кишвар, ободии мамлакат, ҳифзи нангу номус дар дасти онҳост, ҳамеша таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд.

Ҳарчанд сол то сол сафи ҷавонони бо нангу номуси кишвар дар Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар зиёд шавад ҳам, мутаасифона ҳастанд ҷавононе, ки бо ҳар роҳу восита аз хизмати ҳарбӣ саркашӣ мекунанд.

Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ вазифаи конститутсионии ҳар як шаҳрванд мебошад. Тибқи қонун шаҳрвандоне, ки то рӯзи даъват синашон ба 18 расидааст, ба хизмати мӯҳлатноки ҳарбӣ даъват карда мешаванд.

Тарбияи ватандӯстии насли наврас яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа ба шумор рафта, муваффақшавӣ ба ҳадафҳои он ба омилҳои зиёд вобаста аст. Дарки онҳо на танҳо вазифаи сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, балки вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯст мебошад. Дар ин роҳ бояд ҳам таҷрибаи таърихӣ, ҳам муҳимияти имрӯзаи соҳибистиқлол будани Ҷумҳурии Тоҷи-

Модар-Ватан гурезӣ? Онҳо ғайрат надоранд. Тарсӯанд. Магар тарсӯ қаҳрамон мешавад? Омили хизматгурезӣ дар баъзе ҳолат падару модар мебошанд. Фарзандонро аз хурдсолӣ тарсончак тарбия мекунанд…

Имрӯз, ки аз хизмати ҳарбӣ мегурезад, пас чӣ гуна замони ҷанг падару модар ва худро ҳимоя мекунад.

Имрӯзҳо дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хизмат хеле хуб аст. Мо, аслан, мушкилӣ надорем. Дар Ватани худ хизмат мекунем. Ёру диёр, волидон ҳамеша дар наздамон. Магар барои мо, сарбозон хушбахтӣ аз ин зиёд мешавад?

Боварии комил дорам, ки амнияти давлат, осоиши миллат, фазои соф, истиқлолу ободии кишвар неъмати бебаҳо буда, ҳифзу ҳимояи он вазифаи ҳар яки мо аст.

Сарбози қатории гвардия
Наврӯз ХУШАКОВ,
қисми ҳарбии 051056

# Коррупсия-монеаи рушди давлат



Мубориза бар зидди коррупсия ва ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат мебошад. Чунки ҷиноятҳои коррупсионӣ асоси давлату давлатдорӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатиро халалдор намуда, ба раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ахлоқу афкори ҷамъият ва дигар паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар ҷаҳони имрӯза яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои инсон коррупсия мебошад. Коррупсия рушди умумимиллӣ, болоравии иқтисодиёт ва некӯаҳволии иҷтимоиро бозмедорад, боварии шаҳрвандонро ба давлат коста мегардонад, умедҳои оянДаи ҷавононро барҳам мезанад, табақаҳои камбизоати аҳолиро аз расидан ба рӯзи нек маҳрум мекунад.

Коррупсия ба яке аз таҳдидҳои олами муосир табдил ёфтааст, ки амнияти кишварҳо ва минтақаҳоро зери хатар мегузорад. Он кулли мамлакатҳои оламро фаро гирифта, дар ҳар макону замон дар сатҳи мухталиф намоён мешавад.

Ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарк намудани ин хатар ба коррупсия ҷанги беамон эълон намуд. 21 июли соли 1999 фармон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба таҳкими мубориза дар соҳаи иқтисодиёт ва коррупсия» ба имзо расид. Бо ин фармон дар назди Ҳукумати Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба таҳияи системаи чорабиниҳое, ки ба таҳкими мубориза алайҳи ҷиноятҳои иқтисодӣ равона гаштаанд, вазифаҳои мушаххас гузошта шуд. Пеш аз ҳама Ҳукумати Ҷумҳурӣ вазифадор гардид, ки якҷоя бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ Барномаи давлатиро оид ба мубориза бо ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва коррупсия таҳия намояд. 11 декабри соли 1999 бошад, Парламенти кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» -ро қабул кард.

Дар натиҷа қонунгузории мо бори аввал бисёр масъалаҳои бо коррупсия иртиботдоштаро ба низом даровард. Қонуни мазкур муқаррар намуд, ки коррупсия ин амали шахсе мебошад, ки ба иҷрои корҳои давлатӣ ваколатдор буда, бо истифода аз вазифа ё вобаста ба имкониятҳои мавҷуда соҳиби неъматҳои моддӣ ё манфиатҳои дигар мегардад, инчунин ба дигар шахсони вокеиву ҳуқуқӣ истифода бурданро аз ин имтиёзҳо ё неъматҳои, ки бо роҳи ғайриқонунӣ дастёб шудаанд, ҳуқуқ медиҳад. Қонуни мазкур ба беҳшавии вазъи мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Бо мақсади пешгирӣ аз ҷиноятҳои ҷинояткорӣ ва мубориза бурдан ба фаъолияти коррупсия 31-уми октябри соли 2003 Конвенсияи СММ зидди коррупсия қабул карда шуд. Конвенсияи мазкур ҳуҷҷате мебошад, ки асоси ҳуқуқии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро аз ҷониби давлатҳои аъзо ба танзим медарорад. Хушбахтона, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуҷҷати мазкур 25-уми сентябри соли 2006 имзо гузоштааст. Бахри паст намудани ҷиноятҳои омили коррупсионидошта дар мамлакатҳои ҷаҳон се намуди мақомоти зидди коррупсионӣ амал мекунад:

-тафтишотӣ
-пешгирикунанда
-омехта

Ба ақидаи олимону коршиносони аврупоӣ мақомоти беҳтар ҳамоне мебошад, ки хислати универсалӣ дорад, яъне ҳам дорои воҳиди тафтишотӣ, ҳам воҳиди пешгирикунанда бошад. Аз ин рӯ, бо омӯзиши ин таҷриба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди махсус «Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд, ки он дорои ҳам воҳиди тафтишотӣ, ҳам воҳиди пешгирикунанда мебошад.

Чи тавре ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: *«Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳурот ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем».*

Майори гвардия
Фаррух ҲАСАНЗОДА

---

Сабабҳои пайдоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта

# Бетарафӣ хиёнат аст



Дар замони муосир яке аз намудҳои ҷиноятҳое, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатҳо хавфи ҷиддӣ ба миён меоваранд, ин ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта мебошанд, ки мубориза бар зидди онҳо хусусияти байналмилалиро гирифтааст. Бо муқовимати ҳамаҷониба нигоҳ накарда, дар замони ҳозира ин намуди ҷиноятҳо ҳамоно зиёд шуда истодаанд.

Чи тавре ки Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни яке аз суханрониҳояш қайд намуданд, таҳлилу омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон дар чанд соли охир нишон медиҳад, ки маҳз ноогоҳӣ ва сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ хувияти миллии ҷавононро коста намуда, ҷалби онҳоро ба гурӯҳҳои экстремистӣ осон мегардонад.

Экстремизм - ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст.

Маънои аслии экстремизм ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои зишт, аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштан аст. Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори чунин амалҳо буда, оқибаташ террорист аст. Ин амалу зуҳурот метавонад, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон – дар дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд. Мутаасифона, дар олами инсон равияҳое низ арзи вуҷуд кардаанд, ки баъзе амалҳояшон ба фитнакорию тафриқаандозӣ равона гардидаанд. Ин ба моҳияти дини мубини ислом мухолиф аст. Дар замони мо шахсоне, ҳизбу ҳаракатҳо ва созмонҳое пайдо шуданд, ки кӯшиш менамоянд, мақсаду маром, гояву андеша, афкор ва нақшаҳои худро ба ҳар роҳу васила ва ҳатто ба амалҳои тундравона амалӣ созанд. Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, сиёсатшиносон, рӯзноманигорон экстремизм бештар аз ҳама дар соҳаи дин дучор меояд ва ин падида дар тамоми гӯшаву канори сайёраи мо ба амал омадааст. Сабабу решаҳои он дар чист ва омилу ангезаҳои он кадомҳоянд? Ба ин савол ҷавоби дақику мушаххас додан душвор аст. Ба ҳар ҳол баъзе сабабҳо, решаҳо, омилҳо ва ангезаҳои асосӣ ва умумии онро номбар кардан мумкин аст: **Аввалан** афзудан ва густариши ҳисси маъюсӣ, ноборварӣ парешонӣ аз зиндагӣ. **Дуюм** ҷараёни бошиддати ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) олами моро тағир медиҳад, тамаддун, фарҳанг, анъана, урфу одат, дину мазҳаб ва сунатҳои анъанавиро заиф месозад ва ҳатто тамоман аз байн мебарад. Натиҷаи он на ҳама вақт мусбату дилхоҳ аст ва ин падида эҳсоси нотавонӣ, заифӣ, маъюсӣ ва дар бисёр маврид нафрат, эътироз ва муқобилиятро ба миён меорад. Ин омил метавонад, боиси бегонагӣ ва ҷудоӣ аз раванди ягонагӣ, ҳамкорӣ, ҳамзистӣ, таҳаммулпазирӣ гардад. **Сеюм**, омиле, ки бештар дар ҷаҳони ислом, дар байни мусулмонон ривоҷ ёфтааст – ин эҳсоси бедолатӣ нисбат ба ислом ва пайравони он аст. Экстремизм ва терроризм аз мафҳумҳоест, ки дар дунёи имрӯза вирди забони ҳама шудааст ва ин ду мафҳум ба ҳам пайваст мебошад. Экстремизм ба терроризм мебарад.

Шаклҳои зиёди экстремизм, ба монанди сиёсӣ, миллатгароӣ, динӣ, наврасон ва ҷавонон, экологӣ, зидДиҷаҳонишавӣ, ахлоқӣ ва ғайра муайян карда шудаанд.

Сабабҳои пайдоиши он гуногун аст. Ин сабабҳоро чунин метавон дарҷ кард:

- сатҳи пасти дониши динӣ ва дунявӣ, маърифати ҳуқуқӣ;
- моддӣ;
- идеологӣ;
- ҳоҳиши табадулот ва норозигӣ аз вазъи воқеӣ;
- пайдо намудани шавқ ба фаъолияти нав;
- ҷой доштани камбудиҳо дар тарбияи оилавӣ;
- коҳиш ёфтани сатҳи зиндагӣ;
- хусусияти шахсии роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, байни шахсиятҳои сиёсӣ;
- поймол намудани ҳуқуқҳои динӣ ва этникӣ;
- дар сатҳи паст қарор доштани фарҳанги иттилоотӣ;
- фаъолияти динии намояндагони хориҷӣ ва ғайраҳо.

Бахри ошкор ва пешгирӣ намудани чунин ҷиноятҳо бояд фаъолияти ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пурзӯр гардида, чораҳои қатъӣ андешида, ба баррасии ҳар як муроҷиати шаҳрвандон бо дарки баланди масъулият муносибат намуда, бахри барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаи онҳо тамоми чораҳои дахлдори дар қонун пешбинишуда андешида шавад.

Аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар байни аҳолӣ пурзӯр карда шуда, дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва рӯҳониёни обрӯманди минтақа бо истиқоматкунандагони ҳар як ҷамоат сӯҳбат ва вохӯриҳо гузаронида шавад.

Хусусияти дигари таъсири шомилшавии ҷавонон натанҳо бо синну сол, балки ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст. Мафкураи ҷавонон хеле ба осонӣ зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ қарор мегардад.

Бо ҳидояту роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо ба дастовардҳои беназир мушарраф шудем ва ҳамаи ин хушбахтӣ ва рангорангии ҳаёти мо – ҷавонон аз баракати Сулҳу Ваҳдат аст. Вале мутаассифона, афроде ҳастанд, ки ба ин сулҳу субот бо чашми ҳасад менигаранд ва мехоҳанд бо ҳадафҳои касифашон ҷомеаи суботёфтаи моро ба гирдоби нооромӣ ва бесуботӣ кашанд. Мардуми тоҷик бояд имконият надиҳанд, ки мазҳаби ифротӣ аз бетарафии мо истифода намуда, моро ба монанди мардуми Сурия, Ироқ ва Фаластин бозичаи дасти худ гардонанд. Зеро бетерафӣ ин худ хиёнат аст. Бояд ҷавонони мо донанд, ки ворид шудан ба ин равияҳои ифротӣ ҳеҷ хидмате ба ислом набуда, балки бадном кардани номи мусулмонон ва сиёҳ нишон додани чеҳраи дини Ислом аст.

Танҳо бо роҳандозӣ намудани ташаккулу такомули эҳсоси ватандӯстии аҳолӣ, алалхусус ҷавонон метавон ба муқобили ҷиноятҳои экстремистӣ, ки заминаи боэътимоди рушди терроризм ва экстремизм дар мамлакат ва тамоми ҷаҳон мебошад, мубориза бурд, марзу буми Тоҷикистони азиз ва мардуми тоҷикро аз хавфу хатар эмин нигоҳ дошт.

Лейтенанти гвардия
Мехроб ДАВЛАТЗОДА,
ёвари командири қисми ҳарбии 051054 оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ

# Бар зидди хатар сина сипар бояд кард



*Подполковники гвардия Фурқат Ҳамрозода хатмкардаи факултаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.*

Шавку ҳаваси шеърнависӣ аз давраи наврасӣ дар дили Фурқат ҷӯш мезад. Гоҳ-гоҳ дар рӯзномаи девории мактаб, маҷаллаву нашрияҳои шаҳри Панҷакент порчаҳои шеърӣ, ки Фурқат онҳоро машқи қалам меномад, аз чоп мебаромад. Баъди хатми мактаби миёна эҳсоси ватандӯстӣ Фурқатро ба хизмати Модар-Ватан овард. Дар ин ҷо ҳам Фурқат аз мутолиаву эҷодкардан даст намекашид. Дар лаҳзаҳои фориғ аз хизмат ҳатман чанд мисра эҷод мекард.

Подполковники гвардия Ҳамрозода Фурқат аз соли 1994 то имрӯз дар хизмати ҳарбӣ буда, ба халку Ватан софдилонаву содиқона хизмат мекунад. Ӯ вазифаи пурмасъул-муовини командири қисми ҳарбӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявиро бар уҳда дорад. Мисли пештара дар як лаҳзаи илҳом «марворид »-ҳои фикру андешаашро ба риштаи назм мекашад. Инак, шеъри навбатӣ дар мавзӯи «Роҳҳои халосии башар аз хатар» пешниҳоди Шумо мегардад.

***Бар зидди хатар сина сипар бояд кард,***
***Мардонагӣ бо ҷону ҷигар бояд кард.***

***То ин ки бубандем раҳи террору фасод,***
***Шайтону шарир зеру забар бояд кард.***

***Аз нашъаву бангу героин дурӣ бубояд,***
***Маҷрои ҳаёт балки дигар бояд кард.***

***Хоҳем, ки ба манзили саодат бирасем зуд,***
***Аз нафси баду бало ҳазар бояд кард.***

***Оёти зафар дар лабу бо парчами иқбол,***
***Бо неруи мардона сафар бояд кард.***

***Омӯхта ҳама анъанаи неки башарро,***
***Оини хаторо паси сар бояд кард.***

***Оне, ки дар ин роҳи шариф по бигузорад,***
***Кӯҳли басару тоҷе ба сар бояд кард.***

***То он ки ниятҳои накӯ гура бигиранд,***
***Бас ҷаҳду талоши босамар бояд кард.***

***То амнияти аҳли башарро бинавозем,***
***Бар зодаи аҳриман зафар бояд кард.***

# Мусобиқаи командирон



Дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии афсарони ҷавону сарбозон ва мустаҳкаму устувор гардонидани рафоқат байни хизматчиёни ҳарбӣ, дар ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ пайваста озмуну мусобиқаҳои зеҳнӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ доир карда мешавад. Дар ҳамин радиф мусобиқаи навбатии зеҳнӣ-ҳарбӣ миёни командирони рота, взвод ва сержантони фаъоли қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ дар гарнизони шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Маълум аст, ки мусобиқаҳои зеҳнӣ-ҳарбӣ дар асоси низомномаи тасдиқшуда сурат мегирад ва нафароне, ки дар қисмҳои ҳарбии худ ғолиб омадаанд, барои рақобат бо дигар ҳамтоёни худ ширкат меварзанд. Дар оғози кушодашавии мусобиқа муовини Фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба тайёрии ҷангӣ ва махсус ба ширкаткунандагон барору комёбӣ таманно карданд ва таъкид дошт, ки дар мусобиқа фақат ҷасуриву чолокӣ ва донишҳои мукаммал ба кор меояд.

Даври аввали мусобиқа бо гирифтани маҷмӯи саволномаи тестӣ оғоз гардид. Саволҳоро масъулини раёсати тайёрии ҷангӣ аз фанҳои таълимӣ, оинномаҳои умумиҳарбӣ ва дар доираи хизмати ҳамарӯза омода карданд. Албатта, аз рӯи талаботи озмун командирони звенои асосӣ тибқи вақти муқаррargардида ба саволҳо ҷавоб гардониданд.



Ба қисмҳои нопурра ҷудо ва ҷамъ кардани силоҳи оташфишони автомати Калашников, туфангчаи Макаров ва тирпуркунӣ дар тирдон даври дуюми мусобиқаро дарбар гирифт. Иҷрои меъёри ба қисмҳо ҷудо ва ҷамъ кардани силоҳ миёни иштирокчиёни мусобиқа хеле ҷолиб идома ёфт. Ҳар кадоми аз иштирокчиён меъёрҳоро бо баҳои хубу аъло иҷро карда тавонистанд. Вале мувофиқи шарти мусобиқа нафаре ғолиб меомад, ки аз дигарон пештар ин меъёрҳоро иҷро карда тавонад.

Даври дигари мусобиқа тибқи низомнома турниккашӣ интихоб шуда буд. Ин намуди машқи ҷисмониро хизматчиёни ҳарбӣ ҳамчун омили обутоб додани бадан ҳамарӯза дар рафти машғулиятҳои варзишӣ иҷро мекунанд.

Даври ниҳоии мусобиқа тирпаронӣ дар тири электронӣ шуд. Командирони звенои асосӣ аз автомати Калашников дар масофаи 100 метр тирҳоро ба ҳадаф расониданд. Дар ин мусобиқа аз рӯйи холҳои бадастоварда нафарони ғолиб муайян гардиданд.

Ҳайати ҳакамон ҳар як даври мусобиқаро баҳогузорӣ карда, дар маҷмӯъ нафарони ғолибро эълон карданд. Дар мусобиқаи навбатии зеҳнӣ-ҳарбӣ миёни командирони ротаи қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ дар гарнизони шаҳри Душанбе майори гвардия Тағойзода Қурбоналӣ аз қисми ҳарбии 051057, дар байни сержантон сержанти калони гвардия Хуҷаназаров Азамат ва сержанти хурди гвардия Боқизода Комроншоҳ аз қисми ҳарбии 051064 ғолиби ҷойи якум гардиданд. Бо сабаби дар як даври мусобиқа ҷо нагирифтани лейтенанти гвардия Ҳусейнов Ҳотамшо тибқи холгузорӣ ғолибият миёни командирони взвод насиби лейтенанти калони гвардия Лутфуллои Исматулло, аз қисми ҳарбии 051052 гардид. Ғолибон тибқи пешниҳоди Раёсати тайёрии ҷангии фармондеҳӣ бо тӯҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида мешаванд.

Капитани гвардяи
Неъматуллои ХОЛИҚ

Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

**Ҳайати таҳрир:**
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Илоҳиҷон Насриддинзода, Саодат Сатторова - хабарнигорон.

**Мушовирон:**
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

**Дизайн: А. Насриддинов**

**Суратгир: М. Шоев**

Адади нашр: 500 нусха